Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
Донишкадаи Ҷаҳонии Додаҳо (ДҶД)
Таубенштрассе 20-22
10117 шаҳри Берлин
Олмон

Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
кӯчаи Азизбеков 22А
шаҳри Душанбе, 734013
Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Тарки масъулият

Гузориши мазкур қисме аз натиҷаҳои дастрасшударо дар доираи лоиҳаи «Далелҳои минтақавӣ барои таҳлил ва сиёсати муҳоҷират (REMAP)», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва лоиҳаи «Барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ - Осиёи Марказӣ», ки аз тарафи Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) муштарак маблағгузорӣ мешавад, дар бар мегирад. Ин гузориш бо кӯмаки молиявии Иттиҳоди Аврупо ва Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ таҳия шудааст. Фикру андешаҳои дар ин гузориш баёншуда ба ҳеҷ ваҷҳ фикру андешаҳои расмии маблағгузорони дар боло зикршударо инъикос наменамоянд.

Фикру андешаҳои дар ин гузориш баёншуда ба муаллифон тааллуқ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ фикру андешаҳои Созмони Байналмилалии Муҳоҷиратро (СБМ) инъикос намекунанд. Аломатҳои шартӣ ва муаррифии маводи дар ин гузориш истифодашуда изҳори баёни ҳар гуна ақидаи СБМ дар бораи мақоми ҳуқуқии ягон кишвар, қаламрав, шаҳр ё минтақа ё мақомоти он, ё дар бораи марзҳо ё ҳудуди онҳоро надоранд.

СБМ ҷонибдори низомест, ки муҳоҷирати инсондӯстона ва муназзам ба манфиати муҳоҷирон ва ҷомеа бошад. Ҳамчун як созмони байниҳукуматӣ, СБМ бо шарикони худ дар арсаи байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд, то ин ки: дар ҳалли мушкилоти амалиётии муҳоҷират мусоидат намояд, барои дарки амиқтари масъалаҳои вобаста ба муҳоҷират саҳм гузорад, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодиро тавассути муҳоҷират ташвиқ намояд, шаъну шарафи инсонӣ ва некӯаҳволии муҳоҷиронро ҳифз намояд.

Ҳангоми истифодаи ҳар гуна маълумотҳо ва додаҳои дар ин гузориш пешниҳодшуда, иқтибоси зерин зарур аст: “Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ), моҳи июни соли 2024. МПҲ Гузориш дар бораи вазъи муҳоҷират (ГВМ). СБМ, Тоҷикистон”. Барои дарёфти маълумоти бештар дар бораи қоидаҳо ва шартҳои истифодабарии маводи иттилоотии Матритсаи Пайгирии Ҳаракат (МПҲ), лутфан ба ин сомона муроҷиат кунед: https://dtm.iom.int/terms-and-conditions.

© 2024 Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)

БАРОИ ТАМОС:
Барои маълумоти иловагӣ, лутфан бо дастаи МПҲ тамос гиред:

mtmtajikistan@iom.int
Facebook.com/iomTajikistan
twitter.com/iom.Tajikistan
instagram.com/iomTajikistan/

# МУНДАРИЧА


МАТРИТСАИ ПАЙГИРИИ ҲАРАКАТ ........ 4

МУҚАДДИМА ........ 4

МЕТОДОЛОГИЯ ........ 4

МАҲДУДИЯТ ........ 5

ВОЖАНОМА ........ 5

ЗАХИРАҲО ВА ҶАРАЁНҲОИ МУҲОҶИРАТ ........ 6

МУҲОҶИРАТИ ИҶБОРӢ ........ 10

МУҲОҶИРАТИ БОЗГАШТӢ ........ 10

ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ........ 11

ТАҒЙИРОТҲО ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТ ........ 11

ТАЪСИРИ ҲОДИСАИ КРОКУС СИТӢ ҲОЛЛ БА МУҲОҶИРАТ (МОНИТОРИНГИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА) ........ 12

АДАБИЁТҲО ........ 13

## МАТРИТСАИ ПАЙГИРИИ ҲАРАКАТ

Матритсаи Пайгирии Ҳаракат (МТМ) системаест, ки дар асоси Матритсаи Ҷаҳонии Пайгирии Ҷойивазкунии (МҶПҶ) Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ) таҳия шудааст ва ҳадафи он пайгирӣ, назорати ҷойивазкунӣ ва ҳаракати аҳолӣ мебошад[1]. МПҲ иттилоотро дар бораи ҳаракат, осебпазириҳои аҳолии ҷойивазкарда ва ҳаракаткунанда ҷамъоварӣ ва таҳлил менамояд. Ин система имконият медиҳад, ки заминаи беҳтар ва иттилоотӣ доир ба ниёзҳои ин гурӯҳҳои аҳолӣ ба таври мураттаб муайян карда шавад ва дар байни шахсони асосии тасмимгиранда паҳн намуда шавад. МПҲ ба контексти (заминаи) Тоҷикистон аз методологияи Матритсаи ҷаҳонии Пайгирии Ҷойивазкунӣ (МПҶ) дар давраи пандемияи COVID-19 (2020) ва МПҲ таҳти “Барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ – Осиёи Марказӣ”, ки аз ҷониби Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ аз соли 2022 инҷониб маблағгузорӣ карда мешавад, мутобиқ карда шудааст. МПҲ барои мунтазам ва ба таври систематикӣ ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн намудани иттилоот ҷиҳати фаҳмиши беҳтари ҳаракатҳо ва ниёзҳои тағйирёбандаи муҳоҷирон дар Тоҷикистон тарҳрезӣ шудааст. Ташаббусҳои МПҲ дар Тоҷикистон аз соли 2023 инҷониб ба таври муштарак бо Иттиҳодияи Аврупо (ИА) дар чаҳорчӯби лоиҳаи "Матритсаи Пайгирии Ҷойивазкунӣ ва далелҳои минтақавӣ барои таҳлил ва сиёсати муҳоҷират (DTM-REMAP)" маблағгузорӣ карда мешаванд.

## МУҚАДДИМА

Ҳадаф аз гузориши мазкур ин пешниҳод намудани бознигарии хусусиятҳои муҳоҷират ва ҳаракат дар Тоҷикистон бо истифодаи додаҳои мавҷуда аз сарчашмаҳои охирини дастрас аз муддати моҳи январ то моҳи июни соли 2024 мебошад. Маълумотҳои дастрасшуда аз маҷмӯаҳои маълумотҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳаракатҳои муҳоҷират бо тамаркуз ба вазъи охирини муҳоҷират дар Тоҷикистон истифода шудаанд. Гузориши мазкур аз маълумотҳои вобаста ба ҷараёни муҳоҷират, шумораҳои гувоҳномаҳои истиқоматӣ, интиқоли маблағҳо ва инчунин сабабҳои муҳоҷират иборат мебошанд. Дар гузориш таъсири давомдори ҳамлаи Россия ба Украина ба долонҳои анъанавии муҳоҷират дар минтақа, тағйири ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши тағйирёбии иқлим ва нигарониҳои вобаста ба муҳоҷират, раванди афзоиши шаҳрнишинӣ (урбанизатсия), вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва дигар рӯйдодҳои муҳим баён карда шудаанд, ки ҳамчун омилҳои асосии мусоидаткунанда ба ҳаракати инсон ва ҳаракатҳои муҳоҷиратӣ дар давраи мазкур дар кишвар тавсиф карда мешаванд. Ғайр аз ин, дар гузориш ҳамчунин таъсири ҳодисаи фоҷиабор дар Крокус Ситӣ Ҳолл дар шаҳри Красногорск дар наздикии Маскав, ки дар санаи 22 марти соли 2024 аз ҷониби гурӯҳи Давлати Исломӣ-Хуросон (ДОИШ-Х) сурат гирифта буд, баррасӣ карда мешавад, ки дар он муҳоҷирони тоҷик дар доираи ҳаракатҳои муҳоҷиратӣ ҳамчун иҷрокунандагон ҷалб шуда буданд[2].

## МЕТОДОЛОГИЯ

Гузориши ҷамъбастӣ тавассути таҳқиқот ва омӯзиши маводҳои иттилоотӣ, баррасии адабиётҳо ва таҳлилҳои миқдории манбаъҳои дахлдори аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа анҷом дода шудааст. Гурӯҳи Матритсаи Пайгирии Ҳаракат (МПҲ) маълумотҳои аз Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША ҶТ) дастрасшуда, гузоришҳои барои моҳҳои январ ва июни соли 2024 омодашуда, аз ҷумла ҳамаи маълумотҳои таҳлилшавандаи вобаста ба ҷараёнҳои ҳаракат аз кишвар ба хориҷ ва аз хориҷ ба кишвар дар тӯли шаш моҳаи охирини соли 2024 ва инчунин васоити Ахбори Оммаро (ВАО) ҷамъоварӣ ва коркард намуданд. Таҳлилҳо аз гузоришҳои Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ), Таҳқиқот бо Муҳоҷирони Баргашта (ТМБ) ва натиҷаҳои онҳо пешниҳод карда шуда бо манбаъҳои мавҷудаи маълумотҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа муқоиса карда шудаанд. Манбаъҳои асосии маълумотҳо барои таҳияи ин гузориши ҷамъбастӣ инҳо буданд:

- Бюрои омори миллии Агентии банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Ҷумҳурии Қазоқистон
- Шарикии глобалӣ дар бахши дониш оид ба муҳоҷират ва рушд (ШГБДМР)
- Маркази мониторинги ҷойивазкунии дохилӣ (ММҶД)
- Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША ҶТ)
- Вазорати корҳои дохилӣ (ВКД)
- Сарчашмаҳои Васоити Ахбори Омма (ВАО)
- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КДАМ ҶТ)
- Комиссариати Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Гурезаҳо (UNHCR)
- Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ)

1.Матритсаи Пайгирии Ҳаракат (iom.int)
2. Ҳамлаи террористӣ дар санаи 22 марти соли 2024 дар Крокус Сити Ҳолл дар Маскав сурат гирифт.

## МАҲДУДИЯТ

Таҳқиқоти дар ин гузориш пешниҳодшуда ҳадафи фарогирии ҳамаи мавзӯъҳои муҳоҷиратро надорад. Бо вуҷуди ин, вобаста ба мавҷудияти додаҳо, аз ҷумла ҷараёни муҳоҷират, шумораҳои гувоҳномаҳои истиқоматӣ, интиқоли маблағҳо ва сабабҳои муҳоҷират, дар гузориш диққати асосӣ ба мавзӯъҳои муҳимтарини муҳоҷират барои Тоҷикистон равона карда мешавад. Ғайр аз ин, манбаъҳои маҳдуди додаҳои вобаста ба муҳоҷират ва дастрасии он ба сифат, тафовути мундариҷа ва мавҷудияти манбаъҳои расмӣ барои дарёфт намудани додаҳои мухтасар таъсир мерасонанд. Дар ин замина, манбаъҳои гуногуни додаҳо ва маълумотҳо истифода шудаанд, ки баъзеи онҳо мумкин аст (1) додаҳои дастрас барои моҳҳои январ ва июни соли 2024 надошта бошанд, (2) додаҳои гурӯҳбандишуда надошта бошанд ва онҳо бо дигар додаҳо ва маълумотҳо мувофиқат накунанд ё (3) методологияи дастраси оммаи худро надошта бошанд ва (4) шояд бо дигар манбаъҳои таъминкунандагони додаҳо ва маълумотҳо ихтилофот дошта бошанд.

## ВОЖАНОМА[3]

| | |
|---|---|
| Эмигрант | шаҳрванде, ки аз кишвари асл ба кишвари дигар, яъне ба кишвари таъинот кӯчидааст |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ: | ҳаракати одамон аз як кишвар ба кишвари дигар ё дар дохили кишвари истиқоматии худ бо мақсади ҷалб шудан ба фаъолияти меҳнатӣ (корӣ) |
| Ҷараёни муҳоҷират: | шумораи муҳоҷирони байналмилалие, ки ба кишвар меоянд (ё шумораи муҳоҷирони байналмилалие, ки аз кишвар (дар тӯли давраи муайян) мераванд |
| Муҳоҷири меҳнатӣ: | шахсе, ки бо фаъолияти меҳнатии пардохтшаванда дар кишваре машғул мешавад, машғул аст ё машғул буд, ки шаҳрванди он кишвар намебошад |
| Муҳоҷири баргашта: | ҳаракати шаҳрвандоне, ки пас аз тарки кишвари асл ва убури сарҳади байналмилалӣ ба ватан бармегарданд |

3. Вожаномаи СБМ оид ба муҳоҷират (2019)

## ЗАХИРАҲО ВА ҶАРАЁНҲОИ МУҲОҶИРАТ

Ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ шумораи шахсони воридшударо дар бар мегирад, ки аз хориҷи кишвар ва дигар минтақаҳои дохили Тоҷикистон ба минтақа омадаанд. Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори асосии миллӣ барои нашри маълумот доир ба муҳоҷират мебошад ва дар нимаи аввали соли 2024 мақоми расмӣ вобаста ба муҳоҷирони байналмилалии муқими Тоҷикистон маълумоти дастрас надошт. Бо вуҷуди ин, мутобиқи Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ), ки дар моҳҳои апрел ва майи соли 2024 гузаронида шудааст, дар панҷ вилоят ва 12 ноҳияи Тоҷикистон мутаносибан 4,010 ва 1,060 муҳоҷири меҳнатии байналмилалӣ ҳузур доштанд[4]. Ба таври бештар мушаххас, дар моҳи апрели соли 2024, Федератсияи Россия (2,731), Афғонистон (714), Хитой (313), Иёлоти Муттаҳидаи Америко (ИМА) (166) ва Ҷумҳурии Молдова (23) панҷ кишвари аслии баромади муҳоҷирони байналмилалӣ буданд, ки дар Точикистон истиқомат мекунанд. Дар муқоиса бо моҳи майи соли 2024, панҷ кишвари аслии баромади муҳоҷирони меҳнатӣ Афғонистон (641), Хитой (227), Иёлоти Муттаҳидаи Америко (ИМА) (86), Ӯзбекистон (30) ва Федератсияи Россия (28) буданд (АҲИ СБМ, 2024). Дар маҷмӯъ, ҷараёни муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар давраи ҷамъоварии додаҳо дар моҳҳои апрел ва майи соли 2024 дар Тоҷикистон 73,6 дарсад коҳиш ёфтааст.

Диаграммаи 1: Муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар Тоҷикистон, моҳҳои апрел ва майи соли 2024 (шумораҳои умумӣ)




Манбаъ: АҲИ СБМ, давраи 3 ва давраи 4, с. 2024

Мувофиқи маълумоти гурӯҳи расонаии "Азия-Плюс" дар Тоҷикистон, дар соли 2024 аз ҷониби мақомотҳо ба созмонҳое, ки лоиҳаҳои афзалиятнокро мутобиқи созишномаҳои сармоягузории дуҷониба дар Тоҷикистон татбиқ менамоянд, 6,500 иҷозатномаҳои корӣ (7,500 иҷозатномаҳои корӣ дар соли 2023) барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ асосан аз Хитой (4,440), Афғонистон (400), Ҷумҳурии Исломии Эрон (350) ва Ҳиндустон (300) барои шахсоне пешниҳод шудаанд, ки бештар дар бахшҳои истеҳсолот (2,610) ва сохтмон (2,270) кор мекунанд. Аз се як ҳиссаи квотаҳо (2,000) ба ширкатҳое пешниҳод шудаанд, ки дар шаҳри Душанбе, Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ (900), вилояти Суғд (880), вилояти Хатлон (600) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) (60) кор ва фаъолият мекунанд.

4. Ҷамъоварии додаҳо дар доираи Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ) дар ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ ва Шоҳмансури шаҳри Душанбе, шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакии Ноҳияҳои Тобеи Марказ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳрҳои Бохтар, Кулоб ва ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) гузаронида шудааст.

То моҳи июни соли 2024 дар маҷмӯъ 2,832 иҷозатномаҳои корӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дода шудаанд, ки аксарияти онҳоро шаҳрвандони Хитой (1,992), Ҷумҳурии Исломии Эрон (212), Афғонистон (170), Ҳиндустон (110) ва Федератсияи Россия (51) ташкил медиҳанд (ВММША ҶТ, 2024). Сабаби асосии афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Хитой ба лоиҳаҳои дар айни замон амалишавандаи (10) байни Хитой ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои сармоягузории дуҷониба, яъне сохтмони Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2, Маҷмааи нассоҷии ҶСП "Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил", корхонаи металлургӣ дар вилояти Суғд, корхонаи "Хуаксин Ғаюр Суғд-Семент", нақби роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон ва корхонаҳои истеҳсолии фториди алюминий ва криолит робита доранд (ХОВАР, с. 2024).

Диаграммаи 2: Иҷозатномаҳои корӣ, ки аз моҳи январ то моҳи июни с. 2024 дар Тоҷикистон дода шудаанд (шумораҳои умумӣ)




Манбаъ: ВММША ҶТ, с. 2024

Дар ин давраи ҳисоботӣ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мониторинги риояи таносуби мутахассисони хориҷиро дар ширкатҳое баргузор намуд, ки барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ дар кишвар иҷозатнома доранд. Мутобиқи гузориш дар бораи мониторинг 31,457 шаҳрвандони Тоҷикистон (29,415 нафар дар нимсолаи аввали соли 2023) ва 4,065 шаҳрвандони хориҷӣ бо таносуби миёнаи 10% мутахассисони хориҷӣ ба 90% коргарони маҳаллӣ дар ин ширкатҳо кор мекарданд.

Ҷараёни муҳоҷирати берунӣ ба шумораи шахсони аз кишвар хориҷшуда ва инчунин шахсони аз як минтақа ба минтақаи дигар дар дохили кишвар кӯчидаро дар бар мегирад. Дар нимсолаи аввали соли 2024, 392,805 эмигрант ба қайд гирифта шудаанд (314,052 мард ва 78,853 зан) ва ин шумора нисбат ба нимсолаи аввали соли 2023 (467,247 нафар) 16 дарсад камтар аст. Кишварҳои асосии таъинот барои эмигрантҳои тоҷик Федератсияи Россия (386,987) ва Қазоқистон (1,994) буданд. Ин шумора дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2023 мутаносибан кам буд (454,257 нафар дар Федератсияи Россия ва 8,805 нафар дар Қазоқистон). Шумораи эмигрантҳо (муҳоҷирати берунӣ) ба кишварҳои дигар (78 нафар дар Литва, 65 нафар дар Туркия, 32 нафар дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ) низ дар муқоиса бо шумораи онҳое бисёр кам буд, ки ба Федератсияи Россия ва Қазоқистон муҳоҷират намудаанд.

Диаграммаи 3. Ҷараёни муҳоҷирати берунӣ, моҳҳои январ – июни с. 2023 ва с. 2024 (шумораҳои умумӣ)




Манбаъ: ВММША ҶТ, солҳои 2023 ва 2024

Диаграммаи 4. Се кишварҳои асосии таъинот барои эмигратсия (муҳоҷирати берунӣ), моҳҳои январ-июни с. 2023 ва с. 2024 (шумораҳои умумӣ)




Манбаъ: ВММША ҶТ, с.2024

Дар ин давра тавассути 26 муассисаи давлатӣ ва хусусии бакортаъминкунии иҷозатномадор 5,158 нафар дар 17 кишвар, аз ҷумла Федератсияи Россия, Қазоқистон, Белоруссия, Латвия, Литва, Туркия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА), Лаҳистон, Олмон, Арабистони Саудӣ, Черногория, Эстония, Канада ва Маҷористон бо кор таъмин карда шудаанд (ВММША ҶТ, с. 2024). Гузашта аз ин, дар тӯли давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ 186,515 шаҳрванди Тоҷикистон манъи вуруд ба Федератсияи Россияро доштанд, ки ин шумора дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2023 (171,170) 9 дарсад зиёд аст. Дар робита ба ин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША ҶТ) дар бораи қабул намудани 12,794 муроҷиат оид ба воридшавии дубора ба Федератсияи Россия ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба шуғл дар нимсолаи аввали соли 2024 гузориш додааст. Ин шумора дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2023 (8,460) 51 дарсад афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, Хадамоти муҳоҷирати ВММША ҶТ 4,731 нафарро (4,163 мард ва 568 зан) ба Тоҷикистон баргардонид, ки дар феҳристи манъи вуруд ба Федератсияи Россия сабт шуда буданд. Аз ин шумораи умумӣ ба 1,487 нафар касбомӯзӣ ва ба 679 нафар шуғл (ҷойи кор) дар дохили кишвар тавсия дода шудааст. Дар натиҷа, 776 нафар соҳиби касбу ҳунар гардида, 263 нафар дар дохили кишвар бо ҷойи кор таъмин карда шудаанд. Ғайр аз ин, 17,706 дархостҳои расмӣ аз ҷониби ВММША ҶТ дар нимсолаи аввали соли 2024 аз шаҳрвандоне қабул шудаанд, ки дархостҳо барои мусоидат намудан ба кор дар хориҷа ва дархостҳо барои пешниҳоди машваратҳо дар бораи кишварҳои нави таъинот (мақсаднок) барои муҳоҷирати меҳнатӣ буданд. Ҳамчунин, 1,782 вохӯриҳо бо 358,210 шаҳрвандон (233,043 мард ва 125,167 зан) ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии муҳоҷирони эҳтимолӣ дар бораи қоидаҳои танзимкунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ, риояи ҳатмии қонунгузории кишвари истиқомат, таъмини бехатарӣ, пешгирии савдои инсон, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, пешгирии бемориҳои сироятӣ, ба монанди бемории сил, вируси норасоии масъунияти одам (ВИЧ) ва бемории пайдошудаи норасоии масъуният (СПИД) гузаронида шудаанд.

Диаграммаи 5. Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дорои манъи вуруд ба Федератсияи Россия мебошанд, моҳҳои январ – июни с. 2024 (шумораҳои умумӣ)




Манбаъ: ВММША ҶТ, с. 2024

Дар маҷмӯъ 286 ҳолати пардохт нашудани музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатии тоҷик бо роҳи баргардонидани бештар аз 18 миллион рубли русӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ҳал карда шуда, 1,035 шаҳрвандони тоҷик дар ҳудуди Федератсияи Россия бо қарори суд дар ин давра бо кори доимӣ таъмин карда шудаанд. (ВММША ҶТ, с. 2024)

Мувофиқи маълумоти Бюрои омори миллии Қазоқистон (БОМҚ), дар давраи аз моҳи январ то моҳи июни соли 2024, 2,704 муҳоҷирони тоҷик дар Қазоқистон гувоҳномаи истиқоматии доимӣ гирифтаанд ва ҳамзамон 2,275 муҳоҷирони тоҷик, ки мӯҳлати гувоҳномаи истиқомати доимии онҳо ба охир расида буд, Қазоқистонро тарк намудаанд (БОМҚ, с. 2024). Дар маҷмӯъ 2,270 шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди Қазоқистон ҳамчун муҳоҷирони дохилӣ ба қайд гирифта шудаанд, ва аз ин шумора 1,100 нафар дар байни минтақаҳои гуногун ва 1,170 нафар дар дохили ҳамон як минтақа муҳоҷират намудаанд. Таносуби афзоиши муҳоҷират (муҳоҷирати холис) барои шаҳрвандони Тоҷикистон 429 нафарро ташкил медиҳад ва се макони асосӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар Қазоқистон шаҳри Алмаато (161), вилояти Алмаато (101) ва шаҳри Караганда (51) буданд (БОМҚ, с. 2024).

## МУҲОҶИРАТИ ИҶБОРӢ

То моҳи июни соли 2024 аз ҷониби мақомотҳо дар Тоҷикистон 1,471 минтақаҳои дорои хавфи офатҳои табиӣ муайян карда шудаанд ва тақрибан 860,000 нафар одамон дар ин минтақаҳо зиндагӣ мекунанд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2024-2026" аз 17 феврали соли 2024, № 69 (ВММША ҶТ, 2024) қабул гардидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор шуд, ки 525 хоҷагиро аз минтақаҳои хатарнок ба минтақаҳои амн дар давоми солҳои 2024 то 2026 кӯчонад. Ин оилаҳо муҳоҷирони экологӣ номида мешаванд, зеро макони истиқомати онҳо дар баробари хатарҳои офатҳои табиӣ осебпазир аст ва мақомотҳо ба онҳо дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон замин пешниҳод менамоянд (БОМГТ, с. 2024).

Тоҷикистон яке аз кишварҳои асосие дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки шумораи зиёди гурезаҳоро асосан аз кишвари ҳамсояи Афғонистон қабул мекунад. Дар кишвар Қонун "Дар бораи гурезаҳо" вуҷуд дорад ва Ҳукумат тартиби муайян кардани мақоми гурезаро амалӣ мекунад (ММГ) (КОСММГ, с. 2024). То моҳи январи соли 2024 дар Тоҷикистон 7,094 гуреза, 1,389 шахси паноҳҷӯянда ва 3,827 шахси бешаҳрванд зиндагӣ мекарданд (КОСММГ, с. 2024).

## МУҲОҶИРАТИ БОЗГАШТӢ

Бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар давраи аз моҳи январ то моҳи июни соли 2024 дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2023 (315,870) 324,065 нафарро ташкил дод, ки ин 3 дарсад афзоишро нишон медиҳад. Шумораи умумии мардон 243,546 нафарро дар соли 2024 ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (251,853) 3 дарсад кам аст, дар ҳоле ки шумораи занон 80,519 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (64,017) 25 фоиз зиёд аст (ВММША ҶТ, 2024).

Мутобиқи давраи сеюми ҷамъоварии додаҳо дар доираи Арзёбии Ҳаракати Ибтидоӣ (АҲИ), ки дар моҳи апрели соли 2024 гузаронида шудааст, ҳамагӣ 299,834 нафар аз панҷ кишвари асосӣ, яъне Федератсияи Россия (297,104), Аврупо (798), Қазоқистон (729), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (394) ва Олмон (226) баргаштаанд. Дар муқоиса дар давраи чаҳоруми ҷамъоварии маълумотҳо (334,299), панҷ кишвари асосии бозгашт Федератсияи Россия (331,360), Қазоқистон (1,077), Аврупо (578), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (345) ва Олмон (210) буданд (АҲИ, СБМ, давраи 3 ва давраи 4, с. 2024).

Диаграммаи 6. Панҷ кишвари асосии бозгашти муҳоҷирони тоҷик аз моҳи апрел то моҳи майи с. 2024 (шумораҳои умумӣ)

| Панҷ кишвари асосии бозгашт | Моҳи апрели с. 2024 | Панҷ кишвари асосии бозгашт | Моҳи майи с. 2024 |
|---|---|---|---|
| Федератсияи Россия | 297,104 | Федератсияи Россия | 331,360 |
| Аврупо[5] | 798 | Қазоқистон | 1,077 |
| Қазоқистон | 729 | Аврупо | 578 |
| Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) | 394 | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) | 345 |
| Олмон | 226 | Олмон | 210 |

Манбаъ: АҲИ, СБМ, давраи 3 ва давраи 4, с. 2024

5. Дар баъзе мавридҳо пешниҳодкунандагони асосии маълумотҳо дар бораи кишвари бозгашт маълумоти аниқ надоштанд. Дар натиҷа, онҳо ба таври умумӣ ба "Аврупо" ҳамчун макони бозгашт истинод намуданд.

## ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО

Истеъмоли хусусӣ, сармоягузорӣ ва содироти соф бо сабаби кам шудани ҷараёни интиқоли маблағҳо дар нимаи аввали соли 2024 коҳиш ёфт (БҶ, 2024). Дар назар аст, ки ҷараёни воридоти интиқоли маблағҳо боз ҳам суст шавад, ва ин инъикосгари пастравии иқтисодии пешбинишуда дар Федератсияи Русия аз 3,6 фоиз дар соли 2023 то 2,9 фоиз дар соли 2024 мебошад, ки бо сиёсати шадиди пулӣ ва таъсирҳои манфии молиявӣ алоқаманд аст (БҶ, с. 2024). Маълумоти иловагӣ дар бораи ҷараёни дохилӣ ва берунии интиқоли маблағҳо дар Тоҷикистон аз Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) ва Бонки миллии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Вале, мувофиқи маълумоти Бонки миллии Қазоқистон дар нимсолаи аввали соли 2024 аз Қазоқистон ба Тоҷикистон дар маҷмӯъ 8,827.250 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА)[6] бо беш аз 22 ҳазор амалиётҳо интиқол дода шудааст. Маблағи умумии интиқоли маблағҳо, ки ба Тоҷикистон интиқол дода шудаанд, ба 6,5 фоизи маблағи умумии ба хориҷа интиқол додашуда баробар буд. Ба таври бештар мушаххас, 2,326.074 доллари ИМА дар моҳи январи соли 2024, 1,709.860 доллари ИМА дар моҳи феврали соли 2024, 886,573 доллари ИМА дар моҳи марти соли 2024, 1,135.223 доллари ИМА дар моҳи апрели соли 2024, 1,310.175 доллари ИМА дар моҳи майи соли 2024 ва 1,451.356 доллари ИМА дар моҳи июни соли 2024 (БОМҚ, 2024) интиқол шудааст.

Диаграммаи 7. Интиқоли маблағҳо аз Қазоқистон ба Тоҷикистон аз моҳи январ то моҳи июни с. 2024, (млн. доллари ИМА)




Манбаъ: БОМҚ, с. 2024

## ТАҒЙИРОТҲО ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТ

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №190[7], ба рӯйхати кишварҳо 25 кишварҳои нав ворид карда шудаанд, ки шаҳрвандони ин кишварҳо метавонанд ба муддати то 30 рӯз тавассути низоми бераводиди яктарафа ба Тоҷикистон ворид шаванд. Дар доираи қарори нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати 16 кишварҳои хориҷӣ тасдиқ шудааст, ки шаҳрвандони аз 55-сола болои ин кишварҳо метавонанд аз низоми бераводиди яктарафа барои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд (Вазорати корҳои хориҷӣ ((ВКХ), с. 2024). Низоми мазкур ба онҳо имконият медиҳад, ки то 14 рӯз дар кишвар бидуни раводид бимонанд ва баъд аз кишвар хориҷ шаванд. Илова бар ин, мутобиқи Қарори №188[8], 14 кишвар ба рӯйхати кишварҳое дохил карда шудаанд, ки шаҳрвандони ин кишварҳо метавонанд бо тартиби соддакардашуда раводиди Тоҷикистонро ба даст оваранд (ВКХ, с. 2024). Қобили зикр аст, ки шаҳрвандони кишварҳои номбаршуда, ки барои кор, таҳсил, истиқомати доимӣ ва ё дигар ҳадафҳои ғайрисайёҳӣ ба муддати бештар аз 14 ё 30 рӯз ба Тоҷикистон ворид мешаванд, бояд қаблан раводиди мувофиқро дарёфт кунанд. Ин қарор аз 1 майи соли 2024 эътибори қонунӣ пайдо карда аст.

6. Қурби асъори ҷаҳонии СБМ барои ҳисоб намудани қурби асъор барои моҳҳои январ ва июн истифода шудааст.
7. Аз санаи 28 марти соли 2024 ва таҳти унвони “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №464”
8. Аз санаи 28 марти соли 2024 ва таҳти унвони “Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №31”.

Ба ҷуз аз тағйироту иловаҳои ибтидоӣ, ки ба Қарори №31 ворид карда шудаанд, Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2024, танҳо пас аз интишори фармони Президенти Туркия аз 6 апрели соли 2024 дар бораи бекор кардани низоми бераводид барои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки аз 20 апрели соли 2024 эътибори қонунӣ пайдо кард, низоми бераводид барои шаҳрвандони Туркияро бекор намуд (Вазорати корҳои хориҷии Туркия, 2024). Дар робита ба ин, шаҳрвандони Тоҷикистон ва Туркия пеш аз воридшавӣ ба ин кишварҳо барои дарёфти раводид бояд дархост пешниҳод намоянд (ХОВАР, с. 2024). Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дорои шиноснномаҳои муқаррарӣ ҳастанд, барои вуруд ба Туркия бояд раводид дошта бошанд. Дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ба муддати то 90 рӯз аз дархости раводид озод мебошанд. Дорандагони шиносномаҳои хидматӣ аз раводид то 60 рӯз озод ҳастанд. Дорандагони шиносномаҳои хидматӣ, ки ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ ё намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Туркия аккредитатсия карда шудаанд ва аъзоёни оилаҳои онҳо аз раводид дар тӯли давраи адои хидматашон озод карда мешаванд.

Бо дарназардошти вазъияти феълии вобаста ба ҳодисаи фоҷиабори Крокус Сити Ҳолл, ки дар наздикии шаҳри Маскав рух дод ва ҷорӣ намудани тағйиротҳои дахлдор ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират, аз ҷумла Қонуни федералӣ “Дар бораи мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Россия”ва фармони[9] Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия, чорабиниҳо оид ба фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳисозӣ барои муҳоҷирони тоҷик ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар Федератсияи Россия васеъ карда шудаанд. Ба таври бештар мушаххас, 1,639 вохӯриҳо (460 вохӯрӣ бештар аз ҳамин давраи соли 2023) бо иштироки 327,305 нафар дар ҳамкории наздик бо мақомотҳои иҷроияи ҳокимиятҳои давлатии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор баргузор карда шудаанд. Илова бар ин, кормандони мақомотҳо бо муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи хона ба хона арзёбӣ баргузор намуда, бо аъзоёни оилаҳои онҳо робитаи мутақобил сохта, муҳоҷирон ва аъзоёни оилаҳои онҳоро бо тағйиротҳои ҷорӣ дар қонунгузории муҳоҷират ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Федератсияи Россия шинос мекунанд. Гайр аз ин, Хадамоти муҳоҷирати ВММША ҶТ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва муҳоҷирони меҳнатии эҳтимолӣ, ки нақшаи сафар кардан ба хориҷ аз Тоҷикистонро доранд, як қатор чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аҳамияти риояи қонунҳои муҳоҷират дар дохили кишвар, аз ҷумла дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва дар Федератсияи Россия баргузор намуданд (ВММША ҶТ, с. 2024).

## ТАЪСИРИ ҲОДИСАИ КРОКУС СИТИ ҲОЛЛ БА МУҲОҶИРАТ (МОНИТОРИНГИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА)

Дар тӯли ин давраи ҳисоботӣ, ҳамлаи террористӣ дар бинои Крокус Сити Ҳолл дар Федератсияи Россия санаи 22 марти соли 2024 бо иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон сурат гирифт, ки ба гурӯҳи “Давлати исломӣ-Хуросон” робита доштанд. Дар натиҷа, беш аз 140 нафар кушта шуданд (Азия-Плюс, с. 2024). Ин ҳодиса ба долони муҳоҷират аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Федератсияи Россия таъсири назаррас расонид, ва аз ҷумла чораҳои амниятӣ дар ин замина нисбат ба муҳоҷирони кишварҳои Осиёи Марказӣ тақвият дода шуданд. Ҳамзамон, васоити ахбори омма афзоиши табъиз ва озору азиятро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нисбат ба муҳоҷирони муқими Федератсияи Россия таъкид мекунанд (The Times of Central Asia, с. 2024).

Таҳдиди робита доштан ё гунаҳкор донистан дар ҳамлаи террористӣ дар миёни муҳоҷирони меҳнатии тоҷик тарси густардаеро ба вуҷуд оварда, барои онҳо эҳсоси бехатарӣ ё амниятро дар ҷои кор ва муҳити зисташон душвор мегардонад. Онҳо муносибати бегонагӣ аз ҷомеаи Россия ва ҳатто муносибати бегонагӣ аз ҷомеаи худашонро эҳсос намуда, фишори афзояндаро пас аз ҳамла аз сар мегузаронанд (The Times of Central Asia, с. 2024). Дар вокуниш ба нигарониҳои афзоянда дар бораи амният дар Федератсияи Россия, мансабдорон назорат ва санҷиши дурустии ҳуҷҷатҳои истиқомат дар кишварро пурзӯр карданд, ки боиси афзоиши манъи вуруд (ихроҷшавӣ) барои муҳоҷирони бидуни ҳуҷҷат ё далели будубош дар кишвар шуд (Mosregtoday, с. 2024). Ғайр аз ин, мутобиқи маълумоти васоитҳои ахбори омма, дар нимаи аввали соли 2024 пас аз ин ҳодиса, бештар аз 22 ҳазор шаҳрвандони хориҷӣ аз Федератсияи Россия ихроҷ карда шуда, 669 нафар аз шаҳрвандии Россия маҳрум карда шудаанд (Current Time, с. 2024).

Дар робита ба шиддат ёфтани мушкилиҳои вобаста ба вазъияти муҳоҷират дар кишвар, тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, санадҳо ва қарорҳои нав аз ҷониби мақомот барои пурзӯр намудани назорати муҳоҷират ва мониторинги ҳаракати муҳоҷиратӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия ҷорӣ карда шудаанд (Коммерсант, с. 2024). Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳиме, ки аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия дар санаи 29 марти соли 2024 ба Ҳукумати Федератсияи Россия пешниҳод карда шуд, лоиҳаи қонуни федералӣ[10] мебошад, ки васеъ намудани заминаҳои ҳуқуқии истифодаи воситаҳо ва методҳои муосири назорати вуруд ва будубоши шаҳрвандони хориҷиро дар Федератсияи Россия пешбинӣ мекунад (ВКД ФР, с. 2024).

9. “Дар бораи муқаррар намудани варақаи огоҳинома оид ба фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванди дорои патент ва тартиби пешниҳоди чунин огоҳиномаҳо ба шӯъбаҳои минтақавии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия, ки патент додаанд”.
10. “Дар бораи шартҳои ворид ва хориҷ шудани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз Федератсияи Россия, инчунин шартҳои будубош ва истиқомат дар ҳудуди Федератсияи Россия”

Қонун бақайдгирии ҳатмии дактилоскопӣ, назорати иқомат, профили рақамии шаҳрванди хориҷӣ, бақайдгирии ҳатмӣ барои иқомати муваққатӣ, созишнома оид ба риояи қонунҳо, ихроҷшавӣ ва чораҳои маъмурӣ барои иқомати доимиро ҷорӣ кард (ВКД ФР, с. 2024). Илова бар ин, васоити ахбори омма таъсиру оқибати ҳамлаи Крокус Сити Ҳоллро инъикос мекунанд, ки боиси аз кор озод кардани коргарон, махсусан дар бахшҳое шуд, ки дар он ҷойҳо шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар мебошанд, зеро корфармоён ба фазои ноустувори иҷтимоию сиёсӣ вокуниш нишон доданд. Муҳоҷирони меҳнатии ҳам муваққатӣ ва ҳам муқимӣ, тақрибан 10 фоизи қувваи кориро дар Федератсияи Россия ташкил медиҳанд (Re:Russia, с. 2024). Тарс аз иртибот бо терроризм корфармоёнро водор кардааст, ки аз ҷалб намудани коргарон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, худдорӣ кунанд, ки ин боиси афзоиши норасоии қувваи корӣ дар Федератсияи Россия ва эҳтимолияти кам шудани қувваи корӣ аз 2 то 4 миллион нафар дар соли 2030 мешавад (Re:Russia, с. 2024). Аз ҷониби дигар, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ қисми муҳими Маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) Тоҷикистонро (51.1%)[11] ташкил медиҳанд ва халалдоршавӣ дар шуғли муҳоҷирони меҳнатии тоҷик боиси суст шудани рушди иқтисодӣ ва камбизоатӣ гардид. Ин шакли таъсири мавҷи иқтисодӣ вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ ва солимии иқтисодии миллиро нишон дода, осебпазирии Тоҷикистонро ба зарбаҳои беруна нишон медиҳад (БҶ, с. 2024).

11. Арзёбии кормандони БҶ-ШГБДМР ва Хазинаи Байнамилалии Асъор, Нигоҳи Ҷаҳонӣ, моҳи апрели соли 2023

# АДАБИЁТҲО

Азия Плюс (АП)
2024. Тоҷикистон шумораи квотаҳоро ба ҷалби қувваи кории хориҷӣ то 6,5 ҳазор адад кам кард| Ахбори Тоҷикистон ASIA-Plus (asiaplustj.info)

Мушкилоти муҳоҷирони экологиро дар Тоҷикистон чӣ гуна ҳал кардан мехоҳанд?

Бюрои гузоришҳои таҳлилии Осиёи Марказӣ (CABAR)
2024. Бе об ва дастгирӣ: ҳаёти муҳоҷирони экологӣ дар Тоҷикистон

Current Time (CT)
2024. Навбатҳо дар тӯли як рӯз ва ҳатто ҳафтаҳо: Россия додани патентҳои меҳнатиро ба муҳоҷирон бисёр суст кардааст

“Нафрати ошкоро: агар чеҳра славянӣ набошад, онҳо ба ӯ аз боло назар мекунанд”. “Ронандаи таксӣ аз Қирғизистон дар бораи муносибат нисбат ба ӯ дар Маскав пас аз ҳамлаи террористӣ”.

Дар се моҳи аввали соли 2024 тақрибан 22 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз Россия ихроҷ карда шуда, 669 шахс аз шаҳрвандии Россия маҳрум карда шудаанд – “Верстка”

Expertise, Analysis & Policy Network (RE:RUSSIA)
2024. Оқибати ҳамлаи террористии Крокус Ситӣ Ҳолл: сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ, афкори ҷамъиятӣ ва автократияи корношоям

Созмони Байналмилалии Муҳоҷират (СБМ)
2024. Арзёбии ҳаракатаи ибтидоӣ, давраи 3 (моҳи апрели с. 2024)
Арзёбии ҳаракати ибтидоӣ, давраи 4 (моҳи майи с. 2024)

Хазинаи Байнамилалии Асъор (ХБА)

2023. Дурнамо дар пасманзари ноoромиҳои бахши молиявӣ, сатҳи баланди таваррум, оқибатҳои идомаи ҳамлаи Россия ба Украина ва се соли давраи пандемияи COVID номуайян аст

Коммерсант (KMSNT)

2024. Дар семоҳаи аввали соли 2024 тақрибан 22 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз Россия ихроҷ карда шуданд

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВММША ҶТ)
2024. Гузориши матбуотӣ аз натиҷаҳои фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Вебсайти ВММША ҶТ)

Вазорати корҳои хориҷӣ (ВКХ)
2024. Зиёд намудани номгӯйи давлатҳои низоми бераводиди яктарафа ва содагардонии гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати як қатор кишварҳо

Вазорати корҳои хориҷии Туркия (ВКХ Туркия)
2024. Маълумот дар бораи раводид барои шаҳрвандони хориҷӣ

Вазорати адлия (ВА)
2024. Қарор “Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2024-2026” аз 17 феврали соли 2024, №69

# АДАБИЁТҲО

Вазорати корхои дохилӣ (ВКД ФР)
2024. Вазорати корҳои дохилии Россия таҳияи лоиҳаи қонунеро ба анҷом расонид, ки назорати давлатиро дар бахши муҳоҷират пурзӯр мекунад

Mosregtoday.
2024. Fair Russia — For Truth

Бонки миллии Қазоқистон (БМ ҶҚ)

2024. Интиқоли маблағҳои байналмилалӣ ва маҳаллӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2024

Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон (ХОВАР)

2024. Тоҷикистон ва Чин. Дар натиҷаи ҳамкорӣ танҳо дар панҷ соли охир беш аз 10 лоиҳаи муштарак амали гардид| АМИТ "Ховар"

Фармони Президент дар бораи бекор кардани низоми бераводид барои шаҳрвандони Туркия
Тоҷикистон ва Чин. Дар натиҷаи ҳамкорӣ танҳо дар панҷ соли охир беш аз 10 лоиҳаи муштарак

Комиссариати Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо (UNHCR)
2024. Комиссариати Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо дафтари худро дар Тоҷикистон дар соли 1993 пас аз дарёфти даъвати ҳукумати кишвар барои расонидани кумаки фавқулодда ба шахсони беҷошудаи дохилӣ дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ боз кард

The time of Central Asia (TCA)
2024. Тоҷикистон "шиканҷа"-и гумонбарони тоҷикро дар ҳамлаи Маскав маҳкум карда, хостори баррасии одилона шуд

Бонки ҷаҳонӣ (БҶ)
2024. Таҷдиди маълумот дар бораи иқтисоди Тоҷикистон, тобистони соли 2024.
Интиқоли маблағҳо дар соли 2023 кам шуд ва интизор меравад, ки он дар соли 2024 бо суръати тезтар афзоиш ёбад

Аз тарафи Иттиҳоди
Аврупо маблағгузорӣ
карда мешавад

IOM
UN MIGRATION

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

**Swiss Agency for Development and Cooperation SDC**